ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА
ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҲИСОБОТИ ФОСИЛАВИИ МУОВИНИ ВАЗИРИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҶАРАЁНИ ИҶРОИ ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 1 МАРТИ СОЛИ 2023, №51 «ДАР БОРАИ БАРНОМАИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ БАРОИ СОЛҲОИ 2023-2027

*Супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*аз 7-уми ноябри соли 2024, №30/10-249 (банди 11)*

# МУНДАРИЧА


01 Ҳадафи асосии барнома

02 Нақшаи амали солҳои 2023-2025

03 Чорабиниҳои Нақша дар самти бунёд ва истифодабарӣ

04 Арзёбии рафти иҷрои бандҳои Нақшаи амал

05 Дар маҷмуъ иҷрои Барнома

# ҲАДАФИ АСОСИИ БАРНОМА

Беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, рушди минтақаҳои дурдасту баландкӯҳ ва ҳавасмандгардонии аҳолӣ барои зист дар ин минтақаҳо бо роҳи ташкил намудани низоми таъминот бо неруи барқ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ҳифзи экологияи ноҳияҳои баландкӯҳ, манъи буридани ҷангалу буттаҳо барои сӯзишворӣ,

Баланд бардоштани самаранокии иқтисодию энергетикии неругоҳҳои аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия сохташаванда

Беҳтар намудани сатҳи таъминоти барқи аҳолии минтақаҳои дурдаст ва баландкӯҳ



Аз худ намудани захираҳои энергияи ғайрианъанавӣ

Рушди сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети ҷумҳурӣ аз ҳисоби рушди иқтисодии ин ноҳияҳо

# Нақшаи амали солҳои 2023-2025-и Барномаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои солҳои 2023-2027

Дар самти бунёд ва истифодабарӣ – *Вазорати энергетика ва захираҳои об*

Дар самти корҳои илмӣ – *Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

# *Чорабиниҳои Нақша дар самти бунёд ва истифодабарӣ*

**Банди 1**

Сохтмони 8 неругоҳи барқии обии хурд дар минтақаи Зарафшони вилояти Суғд (Лоиҳаи “Рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои кӯҳистон”)

**Банди 2**

Сохтмони 13 неругоҳи барқии обии хурд дар ВМКБ (Лоиҳаи “Электрофикатсияи деҳот”)

**Банди 3**

Сохтмони 22 неругоҳи хурди офтобӣ дар ВМКБ (Лоиҳаи “Электрофикатсияи деҳот”)

**Банди 4**

Сохтмони 1 неругоҳи хурди бодӣ дар ВМКБ (Лоиҳаи “Электрофикатсияи деҳот”)

**Банди 5**

Насби таҷҳизоти захиракунандаи энергия дар ВМКБ (Лоиҳаи “Электрофикатсияи деҳот”)

**Банди 6**

Сохтмони НБО-и хурди “Себзор”

**Банди 7**

Сохтмони неругоҳи барқии офтобии “Мурғоб” марҳилаи 2

**Банди 8**

Омода намудани Асосноккунии иқтисодиву техникии лоиҳаҳо барои насби неругоҳҳои барқии офтобӣ барои 200 МВт.

**Банди 9**

Сохтмони неругоҳи барқии офтобӣ дар вилояти Суғд ва ВМКБ.

# *Дар самти бунёд ва истифодабарӣ Нақша*

**Тибқи Нақшаи амали солҳои 2023-2025-и Барномаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои солҳои 2023-2027 дар қисмати ба Вазорати энергетика ва захираҳои об вобасташуда:**

Дар маҷмуъ, аз ҳисоби чорабиниҳои зикргардида бакорандозии 32,8 МВт иқтидорҳои иловагӣ, 7,690 МВт*соат насби таҷҳизоти захиракунанда ва 200 МВт омода намудани Асосноккунии иқтисодиву техникии лоиҳаҳо барои насби неругоҳҳои барқии офтобӣ нақшабандӣ карда шудааст.

**32,8 МВт**
Иқтидорҳои иловагӣ

**7,690 МВт.с**
Таҷҳизоти захиракунанда

**200 МВт**
АТИ – барои НБО-и офтобӣ

**997 M.TJS**
Талаботи умумии маблағгузорӣ (донорҳо)



# *Дар самти бунёд ва истифодабарӣ Иҷроиш*

**Иқтидор**

**15%**

Иҷрои барнома аз ҳисоби чорабиниҳои ба зиммаи Вазорат вобасташуда аз рӯи нишондоди иқтидор (МВт) 15 дарсад

**Маблағ**

**???%**

Азхудкунии маблағ ба ҳолати 1 июни соли 2025 ??? млн.сомонӣ ва ё ??? дарсад

**Чорабиниҳо**

**33,3%**

Аз рӯи нишондоди шумораи чорабиниҳои асосӣ 33,3 дарсад

# *Арзёбии рафти иҷрои чорабиниҳои Нақшаи амал дар самти бунёд ва истифодабарӣ*

| №/т | Номгӯи чорабиниҳо | Индикаторҳо (натиҷаҳои ниҳоӣ) аз худ намудани иқтидорҳои нав, Нақша | Иҷроиши индикаторҳои асосӣ ба ҳолати имрӯза | | Арзёбии рафти иҷрои индикаторҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Талаботи маблағгузорӣ (донорҳо) млн.сомонӣ | Азхудкунии маблағ (иҷроиш) | | Рафти иҷрои чорабиниҳо (дар маҷмуъ) | Эзоҳ | Таҳлили ҳолати ҷорӣ |
| | | | **бо ҳаҷм** | **бо %** | | **бо ҳаҷм** | **бо %** | | | |
| 1. | Сохтмони 8 неругоҳи барқии обии хурд дар минтақаи Зарафшони вилояти Суғд (Лоиҳаи “Рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои кӯҳистон”) | 0,470 МВт | 0,323 МВт | 69% | 3,6 | | | **100%** | Баъд аз тағйиру иловаҳо 6 адад НБО-и хурд бо иқтидори 0,323 МВт сохта ба истифода дода шуд. | 6 адад неругоҳҳои барқии обӣ ва офтоби бо иктидори 323 кВт сохта ба истифода дода шуд. Дар натиҷа 696 хоҷагӣ ва дар умум, 4370 нафар аҳолии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд бо нерӯи барқ таъмин гардидаанд. Хизматрасонии неругоҳҳоро ТҶ "Нури Кӯҳистон" |
| 2. | Сохтмони 11 неругоҳи барқии обии хурд дар ВМКБ (Лоиҳаи “Электрофикатсияи деҳот”) | 0,760 МВт | 0,275 МВт | 27% | 15,431 | | | **80%** | Баъд аз гузаронидани омӯзиш дар лоиҳа тағйиру иловаҳо ворид гардида баҷои 11 адад НБО-и хурд (0,760 МВт) 13 адад (бо иқтидори 1,0278 МВт) ба нақша гирифта шуд. | Аз ҷониби ҶДММ "Мулк" ва ҶДММ "Нарзӣ" корҳои сохтмонӣ дар неругоҳҳои мазкур идома доранд.Қайд кардан зарур аст, ки аксарияти неругоҳҳои барқи обии хурди сохташаванда дар деҳаҳои дурдасти водии Бартанг, Рошткалъа, Ванҷ ҷойгир мебошанд. Айни замон корҳои сохтмонӣ тибқи нақша ба роҳ монда шуда, дар назар аст, ки неругоҳҳои болозикр **то охири соли 2025** ба истифода дода шавад. |
| 3. | Сохтмони 23 неругоҳи хурди офтобӣ дар ВМКБ (Лоиҳаи “Электрофикатсияи деҳот”) | 3,574 МВт | 0 | % | 72,57 | | | **85%** | Баъд аз гузаронидани омӯзиш дар лоиҳа тағйиру иловаҳо дароварда шуд ва баҷои 23 адад неругоҳи офтобӣ (3,574 МВт) 22 адад (бо иқтидори 13,443 МВт) ба нақша гирифта шуд. | Сохтмони 22 неругоҳи хурди офтобӣ, Сохтмони 1 неругоҳи хурди бодӣ ва насби таҷҳизоти захиракунандаи энергия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар доираи бастаи 1 Лоиҳаи «Электрофикатсияи деҳот» бо маблағгузории Бонки Умумиҷаҳонӣ ба нақша гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ идома доранд ва **то охири соли 2025** иншоотҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор дода хоҳанд шуд. |
| 4. | Сохтмони 20 неругоҳи хурди бодӣ дар ВМКБ (Лоиҳаи “Электрофикатсияи деҳот”) | 3,084 МВт | 0 | % | 62,617 | | | **85%** | Баъд аз гузаронидани омӯзиш дар лоиҳа тағйиру иловаҳо дароварда шуд ва баҷои 20 адад НБО-и бодӣ (3,084 МВт) 1 адад (бо иқтидори 0,2 МВт) ба нақша гирифта шуд. | |
| 5. | Насби таҷҳизоти захиракунандаи энергия дар ВМКБ (Лоиҳаи “Электрофикатсияи деҳот”) | 2,511 МВт.соат (захираи энергия) | 0 | % | 50,99 | | | **80%** | Баъд аз гузаронидани омӯзиш дар лоиҳа тағйиру иловаҳо дароварда шуд ва баҷои 2,511 МВт.с бо иқтидори 7,69 МВт.с ба нақша гирифта шуд. | |
| 6. | Сохтмони НБО-и хурди “Себзор” | 11 МВт | 3,6 МВт | 33% | 627 | | | **85%** | Санаи 27-июни соли ҷорӣ агрегати якуми неругоҳ бо иқтидори 3,6 МВт **ба истифода дода мешавад.** Дар доираи лоиҳаи мазкур дар баробари худи неругоҳ, корҳо вобаста ба сохтмони зеристгоҳи барқии 110 кВ-и назди неругоҳи барқи обии «Себзор» ва хати интиқоли барқи 110 кВ «Себзор-Хоруғ» бо дарозии 18 км ба анҷом расонида шуданд ва барои баҳрабардорӣ омода мебошанд. Дар назар аст, ки **то охири соли ҷорӣ** неругоҳ пурра мавриди истифодабарӣ қарор дода мешавад. | |
| 7. | Сохтмони неругоҳи барқии офтобии “Мурғоб” марҳилаи 2 | 0,8 МВт | 0,8 МВт | 100% | 6,796 | | | **100%** | Сохтмони неругоҳи барқии офтобии «Мурғоб» марҳилаи 2 бо тавоноии 600 кВт ва ба низоми захираҳои энергия дар батареяҳо бо тавоноии 1,2 МВт моҳи августи соли 2023 корҳои сохтмонӣ **пурра ба анҷом расонида шуда**, мавриди истифодабаӣ қарор дода шуд. | |
| 8. | Омода намудани Асосноккунии иқтисодиву техникии лоиҳаҳо барои насби неругоҳҳои барқии офтобӣ барои 200 МВт. | АТИ - омода карда мешавад | - | 100% | 15,31 | | | **100%** | Бо мақсади омодасозии Асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқи офтобии хусусӣ дар вилояти Суғд (бо иқтидори 200 МВт) дар ҳамкорӣ бо Бонки Умумиҷаҳонӣ ва ҷалби консорсиуми ширкатҳои JURU Energy Limited (Британияи Кабир) ва Rina Consulting (Италия) **омода карда шуд.** | |
| 9. | Сохтмони неругоҳи барқии офтобӣ дар вилояти Суғд ва ВМКБ. | 10 МВт | 0 | % | 142,66 | | | **30%** | Баъд аз гузаронидани омӯзиш дар лоиҳа тағйиру иловаҳо дароварда шуд ва баҷои 10 МВт нергуҳи офтобӣ - 6 МВт ва насби таҷҳизоти захиракунанда бо иқтидори 2х0,5 МВт.с ба нақша гирифта шуд. | Санаи 9-уми декабри соли 2024 Протоколи музокирот байни Вазорат ва институти Корея оид ба рушди технология (KIAT) оид ба масъалаи бунёди неругоҳҳои мазкур дар минтақаҳои болозикр ба имзо расонида шуд. Корҳои лоиҳакашӣ дар доираи ин лоиҳа ба итмом расида, татбиқи ин лоиҳа **соли 2025** дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва **соли 2026** дар вилояти Суғд дар назар гирифта шудааст. |

# *Арзёбии рафти иҷрои чорабиниҳои Нақшаи амал дар самти корҳои илмӣ (Академияи миллии илмҳо)*

| №/т | Номгӯи чорабинихо | Индикаторҳо<br>(натиҷаҳои ниҳоӣ)<br>аз худ намудани иқтидорҳои нав, Нақша | Талаботи умумӣ оид ба маблағгузорӣ млн.сомонӣ | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | | | **Рафти иҷрои чорабиниҳо (дар маҷмуъ)** | Таҳлили ҳолати ҷорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **Буҷет** | **Донорҳо** | **Бахши хусусӣ** | | |
| 10. | Тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия | Озмоишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии муосир дар самти МБЭ таъсис дода шуда, ба ин васила натиҷаҳои илмӣ ва техникӣ дар Тоҷикистон истифода бурда мешавад. | 1,5 | 0,9 | 0,6 | 0 | 100% | Аз ҷониби Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар марҳилаи солҳои 2023-2025 дар «Маркази омӯзиш ва истифодабарии манбаъҳои барқароршавандаи энергия» 2-нафар унвонҷӯёни рисолаи номзади хешро ҳимоя намуда, сазовори дипломи номзади илмҳои техникӣ гардиданд ва инчунин 2-нафар унвонҷӯи дигари ин Марказ рисолаи номзадиашонро барои муҳокима барои ҳимоя пешниҳод намудаанд. |
| 11. | Омӯзиш ва истифодаи турбинае, ки дар ҷараёнҳои озод самаранок кор мекунад | Турбинаҳои гелоидии Горлов дар ҷараёнҳои озоди дарёҳо истифода бурда мешавад | 0,8 | 0,48 | 0,6 | 0 | 100% | Таҳлили адабиётҳо оид ба захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудаст. Аз ҷумла, таҳқиқотҳои илмӣ оиди минтақаи Зарафшон муайян карда шуда, натиҷаҳои илмӣ дар ду мақола рӯи чоп оварда шуданд. |
| 12. | Омӯхтани хосиятҳои ашёҳои хоми маҳаллӣ барои тайёр намудани полоишҳо ва адсорбентҳо | Дар системаҳои тозакунии оби дегҳои (МБГ, СГЭ, НБО, НБА) ва инчунин обҳои саноатӣ ва хоҷагию коммуналӣ усули истеҳсоли полоишҳо ва адсорбентҳо таҳия ва истифода карда мешаванд. | 1,5 | 0,9 | 0,6 | 0 | 100% | Солҳои 2023-2025 намунаҳои таҷрибавии газогенератори буғӣ ва дастгоҳи тозакунии (филтратсия) об омода карда шуданд. Намунаҳои обҳо аз нуктаҳои гуногуни пойтахти кишвар ҷамъоварӣ ва дар дастгоҳи мазкур тоза карда шуданд. Сифати обҳои тозашуда дар лабораторияи Маркази назорати истеҳсоли оби ошомиданӣ ташхис карда шуданд. Натиҷаи ташхис нишон дод, ки аз 26 параметри санҷиш, обҳои дар дастгоҳ тозашуда ба 24 параметри меъёрҳои ГОСТ 2874-82 «Оби ошомиданӣ» пурра мувофиқ мебошанд. Соли 2023 барои ихтирои дастгоҳ патент гирифта шуд. Натиҷаи корҳои илмӣ тадқиқотӣ дар 5 мақола ва 1 нахустпогенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи чоп омадаанд. Хушбахтона инчунин рисолаи номзадии як унвонҷӯ барои пешдифоъ пешниҳод гардид. |
| 13. | Омӯзиши имконияти дар Тоҷикистон истифода бурдани гидроген | Тарзи усули истифодаи ҳидроген дар Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад | 1,2 | 0 | 1,2 | 0 | 100% | Тахлилҳо нишон доданд, ки истифодаи гидроген дар Тоҷикистон якчанд самтро дарбар мегирад. Самтҳои асосии он асосан истеҳсоли аммиак барои нуриҳои минералӣ ва дигар эҳтиёҷоти саноат ва металлургия; дар нақлиёт - барои сарфаи маводҳои газу нафт ва энергияи барқ, истифода бурдани нақлиёти навъи нав пешниҳодшаванда, ки бо муҳаррикҳои гидрогенӣ батареяҳои элементи гидрогендор чиҳозонида шуда; истифодаи гидроген ҳамчун сӯзишворӣ барои гарм кардани биноҳо дар фасли зимистон ба ҳисоб меравад. |
| 14. | Дар шароити Тоҷикистон мутобиқ намудани истеҳсол ва истифодаи гидроген | Раванди технологияи истеҳсол ва истифодаи ҳидроген дар Тоҷикистон муқаррар ва пешниҳод арда мешавад. | 1 | 0,6 | 0,4 | 0 | 100% | Барои истеҳсоли гидрогени сабз хубтарин усул - элсктролиз бо истифода аз мембранаи протоноивазкунанда пешниҳод мегардад. Сабаби интихоби ин усул, истифодаи неруи барқ буда, инчунин пешниҳод карда мешавад, ки энергия барои он аз манбаъҳои барқароршаванда, алалхусус энергияи офтоб истеҳсол карда шавад.<br>Барои истеҳсоли гидрогени сабз лоиҳаи конкретии кластери саноатии истеҳсоли гидрогени сабз дар кӯли Қарокӯл (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон) бо истифода аз энергияи офтоб пешниҳод шудааст. Сабаби интихоби ин мавзеъ - дастрасии беканори энергияи офтоб, заминҳои бекорхобида ва кӯл, ки манбаи асосии гидролиз (оби он) мебошад. |
| 15. | Таҳқиқот ва коркарди намудҳои гуногуни дастгоҳи захиракунандаи энергияи офтоб | Барои захира намудани энергияи Офтоб дар замин дастгоҳҳо тавсия дода мешаванд | 1,2 | 0,72 | 0,48 | 0 | 100% | Тадқиқотҳо оиди захираи энергияи офтоб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Махсусан мушаххас барои захира намудани энергияи офтоб дар сатҳи замин дастгоҳ ихтироъ гардида бо нахустпотенти Ҷуҳурии Тоҷикистон ҳифз гардидааст, ки аз нуқтаи назари техникию иқтисодӣ хело самаранок буда, метавонад таъминоти энергияи барқро бо истифода аз энергия офтоб баланд бардорад. Натиҷаҳои корҳои илмӣ дар ду мақола рӯи чоп омад.<br>Як нахустпотенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шуд. |

# ДАР МАҶМУЪ ИҶРОИ БАРНОМА

**60%**

Дар умум ба ҳолати имрӯза дар доираи Барнома иҷроиши пурраи нақшаи чорабиниҳо 60 дарсадро ташкил медиҳад. Аз **15 номгӯйи** чорабиниҳо **9** тояш пурра ва **6** адади боқимонда қисман иҷро гардидааст, ки **то охири соли ҷорӣ** сохта ба истифода дода мешавад.

**5,0 МВт**

Инчунин, аз ҳисоби чорабиниҳои қисмати аввали нақша 5 МВт иқтидорҳои истеҳсолии барқ бунёд гардид

**200 МВт АТИ**

Асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи барқи офтобии хусусӣ дар вилояти Суғд (бо иқтидори 200 МВт) омода карда шуд

**27,8 МВт**

То охири соли ҷорӣ бунёди 27,8 МВт иқтидори дигар дар назар аст



# ТАШАККУР, БА ТАВАҶҶУҲАТОН!

**Кӯчаи Шамсӣ 5/1, 734064, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Тел: +992 (372) 35-35-66**
**Email: info@mewr.tj**

**Web: www.mewr.tj**

**ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

@MEWRTJ

**https://t.me/mewrtj**